Ба шурои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ, 126)

# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст

Илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол низ мақоми баландеро касб кардааст, вале азбаски таҳқиқу баррасиҳо дар риштаҳои ҷудогонаи илмӣ дар кишвари мо дар марҳилаи ташаккул ва таҳаввулоти ибтидоӣ қарор доранд, баъзе падидаҳо барои илми муосири тоҷик ҳамчун раванди тоза муаррифӣ мешаванд. Ба ин навгониҳо, аз ҷумла, мафҳумҳои илмсанҷӣ, квалитология ва квалиметрия ва илмҳои ба онҳо алоқамандро дохил кардан мумкин аст. Бо боварии комил метавон гуфт, ки таҳқиқу баррасии амиқи ин падидаҳо истифодаи васеътари онҳоро дарояндаи илми педагогикаи тоҷик имконпазир хоҳад кард. Бахусус, имрӯз таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун воситаи муҳимми рушди таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии педагогӣ мақоми махсусро касб кардааст, ки муаллифи диссертатсия масъалаҳои мубрами педагогикаи миллиро дар «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» аз дидгоҳи квалиметрия ҳамчун усули босамари таҳқиқи илмҳои педагогӣ арзёбии намудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Муҳтавои таҳқиқоти диссертасионии Раҷабзода Маҳмадулло, ки дар он таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушди таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст, ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ мутобиқат менамояд.

**Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Муаллифи диссертатсия мавриди таҳқиқи мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд», ба хулосае омадааст, ки мавҷудияти як қатор ихтилофот: ихтилоф байни талаботи ҷомеа ба сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ва аз ҷониби дигар мавҷуд набудани заминаи илман асосноки назариявӣ-методологӣ ба забони давлатӣ ва иттилоотӣ ҷиҳати таъмини иҷрои талаботи мазкур; ихтилоф байни зарурати татбиқи равандҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таҳқиқот ва инчунин нокифоягии сатҳи фарҳанги технологии муҳаққиқон; ихтилоф байни талаботи

доимоафзояндаи таҳсилоти муосир ба муҳаққиқони дорои салоҳияти касбӣ, мафкураи илмӣ-инноватсионӣ ва нокифоягии сатҳи омодагии касбӣ, илмӣ-эҷодӣ ва ташаббускории онҳо дар ин самт мубрамии мавзуи таҳқикро тақвият мебахшанд.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он зоҳир мегардид, ки зарурати воқеӣ ҷиҳати беҳтар намудани сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ дар Тоҷикистон, таҳияи заминаи кофии методологӣ, назариявӣ ва иттилоотӣ ҷиҳати минбаъд анҷом додани таҳқиқоти босифату самаранок, илова бар ин, муҳиммияти коркарди мавзуи мавриди назар аз зарурати мушаххасгардонии тартиб, меъёру нишондиҳандаҳои квалиметрӣ, коркарди матритсаҳои таҳлили квалиметрии натиҷаҳои таҳқиқоти педагогӣ, арзёбии сатҳу сифати онҳо ва умуман, таҳқиқ гардидани мавзуи мазкур дар илми миллӣ ба миён омадааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Муаллифи диссертатсия бори нахуст таҳқиқоти педагогии олимони тоҷикро дар даврони истиқлоли давлатӣ аз нигоҳи квалиметрӣ ҳамаҷониба мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили амиқи илмӣ қарор додааст. Зимни санҷиши моҳияти таҳқиқоти дар доираи мавзуи диссертатсионӣ анҷомёфта амал ва нуктаҳои нави зерин роҳандозӣ шудаанд: ба доираи илмии педагогикаи миллӣ ворид намудани мафҳум ва истилоҳоти муосири илмӣ оид ба квалиметрия; татбиқ ва рушди квалиметрия дар соҳаи педагогикаи ватанӣ; коркарди меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва индикаторҳои мушаххаси эмпирикии арзёбии экспертии дастовардҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ, аз ҷумла матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия; таҳия ва озмоиши амалии методикаи муаллифии арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ оид ба илмҳои педагогӣ.

Диссертант вазъи назариявию методологӣ, сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ва комёбиҳо дар соҳаи илму маорифро дар Тоҷикистон, мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода дар заминаҳои талаботи методологӣ нисбат ба таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба коркарди самтҳои асосии квалиметрияи педагогӣ ҷалб намудааст, ба монанди: нокифоягии сатҳи омодагии назариявӣ-методологӣ, аз ҷумла, салоҳиятнокии тахассусии аспирантон, докторантон аз рӯйи ихтисос ва унвонҷӯён, ки дар натиҷа ҳангоми истифодаи методҳои озмоишӣ ва назариявии пажӯҳиш боиси пайдоиши камбудиву нуқсонҳо дар ҷараёни таҳқиқот мегардад; бо мақсади дараҷабандӣ ва муайян намудани моҳияти иттилоотӣ ва арзиши илмии таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла, диссертатсияҳо бояд далелу омилҳо тавассути таҳлили натиҷаҳои озмоиш, ки барои арзёбии сифати чунин таҳқиқот интихоб шудаанд, ба таври амиқ омӯхта шаванд; дар ҷумҳурӣ маркази махсуси квалиметрӣ таъсис дода шавад; консепсияи рушди илмҳои педагогӣ таҳия ва амалӣ карда шуда, низоми миллии тарбияи кадрҳои илмӣ дар соҳаи педагогика тибқи талаботи ҷаҳони зудтағйирёбанда мунтазам такмил дода шавад; барои расидан ба ҳадаф фаъолияти ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии педагогии Тоҷикистон пайваста аз таҳлили квалиметрӣ гузаронида шаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсия зикршуда.**

Эътимоднокӣ ва асоснокии нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бо мухолифат надоштани интихоби равишҳои методологӣ, репрезентативӣ будани интихоби матни таҳқиқоти монографӣ, диссертатсияҳо, авторефератҳо ва тақриз ба онҳо, инчунин, гуногунрангӣ ва ба ҳам мувофиқат кардани истифодаи методҳои назариявӣ ва амалии квалиметрӣ, аз ҷумла: методи сленгӣ (ба ҳайси ченкунанда як калима аз луғат истифода мегардад, ки гурӯҳ мувофиқи калима-шаклҳоро муттаҳид месозад); методи тезаурусӣ (муайянсозии маҷмуи муназзамшудаи донишҳои азхуднамудаи субъект, ки барои ӯ ҳамчун воситаи самтгирӣ дар муҳити атроф хизмат мекунанд ва фаҳмиши худ ва оламро аз ҷониби ин субъект тавсеа мебахшанд); методи «контент-таҳлил» ё контент-анализ (муайянсозӣ ва баҳогузорӣ ба хосиятҳои махсуси матнҳо ва дигар ҳомилони иттилоот, ки зимни он тибқи ҳадафҳои таҳқиқот воҳидҳои муайяни маънодори муҳтаво ва шакли иттилоот ҷудо карда мешаванд); методи «иқтибос-индекс» ё ситата-индекс (баҳогузорӣ дар асоси миқдори иқтибосҳо дар интишороти илмӣ сурат мегирад); методи баҳисобгирии шумораи интишорот (на танҳо маҳсулнокӣ, балки рейтинги муҳаққиқро низ муайян месозад); методи оморӣ (тавсиф ва омӯзиши зуҳуроти оммавӣ, ки нисбат ба онҳо ифодаи миқдорӣ, ададӣ ба кор бурда мешавад) муайян мегардад. (Диссертатсия, с. 79).

Боэътимодии нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, тавассути муқоисаи далелу рӯйдодҳо, машварат ва муҳокимаи ҳамаҷониба бо мутахассисону коршиносони соҳаи таҳқиқ озмуда шудааст. Ичунин муаллифи диссертатсия дар раванди омӯзиш ва таҳқиқи ташаккулёбӣ ва рушди илмҳои педагогии ҷумҳурӣ дар заминаи методҳои квалиметрия тавсиаҳои зеринро пешниҳод намудааст: таҳияи стандартҳои миллӣ ва ба сатҳи стандартҳои байналмилалӣ баровардани истилоҳоти илмии педагогӣ, таъсиси сохтори махсус дар назди АТТ оид ба таҳқиқ, мураттабсозӣ, унификатсия (ҳамгунсозӣ) ва танзими истилоҳоти соҳаи педагогика ва таҳсилот, вусъат бахшидан ба раванди таҳияи луғатҳои дузабона, бисёрзабона, тафсирӣ оид ба илмҳои педагогӣ; такмили маҷмуи меъёрҳои расмӣ ва илмӣ оид ба гузаронидани таҳқиқоти педагогӣ, омӯзиш, таҳқиқ ва татбиқи асосҳои методологии таҳқиқи илмии педагогӣ дар раванди пажӯҳишҳои диссертатсионӣ дар заминаи консепсияҳои муосири илмии хориҷӣ ва ватанӣ; коркарди алгоритмҳо, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои нави арзёбии мубрамият, навгонӣ, фарзияи илмӣ, натиҷаҳои назариявӣ ва амалии тақиқоти диссертатсионӣ, дар раванди арзёбии таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба педагогика ҷорӣ намудани меъёрҳои квалиметрӣ, библиометрӣ ва илмсанҷӣ, аз ҷумла «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД), ба сифати меъёри арзёбии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷорӣ намудани «индекси иқтибосоварӣ», мавҷудияти интишороти унвонҷӯ дар нашрияҳои байналмилалӣ, ба монанди SCOPUS, WEB of science ва РИНС, пурзӯр намудани талаботи расмӣ нисбат ба натиҷаҳои амалӣ, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва саҳми шахсии унвонҷӯ дар рушди илм (Диссертатсия, с.375); баланд бардоштани масъулияти кафедраҳои пешбар, роҳбарону мушовирони

илмӣ, коршиносон ва шуроҳои диссертатсионӣ нисбат ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти илмии унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ, ба мақсади дастгирӣ ва интишори саривақтӣ ва босифати натиҷаи фаъолияти илмии омӯзгорон ва унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ таҳким бахшидани иқтидорҳои полиграфии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ, ба сифати нишондиҳандаи асосӣ ва афзалиятноки аттестатсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бахусус кафедраҳои пешбар, инчунин, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба инобат гирифтани шумораи омӯзгорон ва кормандони дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ, таҳкими неруи илмии кафедраҳои пешбар аз ҳисоби муҳаққиқони ҷавон; таъсиси озмоишгоҳҳои илмӣ ва таҳкими базаи моддӣ-техникии кафедраҳои пешбари муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии педагогӣ дар мамлакат, такмили фонди анъанавӣ ва электронии китобхонаҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии ҷумҳурӣ бо адабиёти илмии соҳавӣ, донишномаҳо, луғатҳои тафсирии истилоҳоти илмӣ бо забони давлатӣ ва хориҷӣ (Диссертатсия, с.376); ташкили пойгоҳи иттилоотии электорнии (бойгонии илмии) автореферат ва диссертатсияҳое, ки дар шуроҳои диссертатсионии ватании КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимоя шудаанд, танзими иттилооти ҷории сомонаҳои шуроҳои диссертатсионӣ оид ба расмиёти ҳимоя, ҷойгирнамоии матни автореферат ва диссертатсияҳо, ташкили бойгонӣ ва таъмини ҳифзи онҳо; ба сифати мақоми ҳамоҳангсози сатҳи сифати таҳқиқоти илмӣ дар кишвар ташкил намудани Маркази миллии квалиметрӣ дар сохтори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, бознигарӣ намудани сохтор, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва самтҳои пажӯҳишҳои илмии АТТ, ҳангоми таҳияи «Номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷалб намудани олимону мутахассисони шинохтаи соҳавӣ ва ба инобат гирифтани тамоюлоти муосири рушди илмҳои педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ (Диссертатсия, с.378);

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсияи тақризшаванда дар он зоҳир мегардад, ки аз ҷониби диссертант методологияи педагогикаи муосири миллӣ дар заминаи истифодаи дастовардҳои илмии квалиметрия такмил ёфта, низоми мафҳумии он бо истилоҳоти тозаи илмӣ таъмин ва ҷиҳати рушди минбаъдаи илмҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи аз нигоҳи илмӣ асоснок таҳия ва пешниҳод гардидааст. Ба аспирантону унвонҷӯён, докторантон аз рӯйи ихтисоси соҳаи илмҳои педагогӣ барои ташхиси раванд ва натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳо дода шуда, сатҳи заҳматталабии раванди арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти диссертатсионӣ коҳиш дода мешавад.

Маводи таҳқиқоти анҷомёфта дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ, инчунин, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии самти педагогӣ метавонанд татбиқ гарданд. Ҳамзамон, нуктаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия дар фаъолияти шуъбаҳои омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-

педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд.

Бинобар ин, диссертант барои таҳким бахшидани заминаи методологӣ ва расмии таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом додани корҳои зерин мувофиқи матлаб мешуморад: сабабҳо, омилҳо ва пайомадҳои дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтани дастовардҳои таърихии педагогикаи миллӣ ошкор карда шаванд; омӯзиш ва таҳқиқи асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи консепсияҳои муосири илмии ватанӣ ва хориҷӣ; ҳангоми таҳияи номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи мушаххас ҷалб намудани олимону мутахассисони шинохтаи соҳавӣ ва ба инобат гирифтани тамоюлоти рушди илмҳои педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ; дар заминаи дастовардҳои квалиметрияи муосир такмил додани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз ҷониби коршиносон анҷом дода шаванд; таҳияи тавсияҳо ва дастурҳои илмӣ-методӣ оид ба гузаронидани таҳқиқоти педагогӣ дар заминаи талаботи асноди меъёрии ҳуқуқӣ ва дастовардҳои илми муосир.

Таҳлили муҳтавои бобҳо ва зербобҳои диссертатсия, ки дар он натиҷаҳои таҳқиқот инъикос ёфтааст, собит менамояд, ки фарзияи илмии диссертант татбиқ ва мақсаду вазифаи таҳияшударо дар таҳқиқот иҷро гардидааст. Масалан, дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти педагогӣ ва арзёбии он» таҳлили асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти педагогӣ ва арзёбии он, моҳияти таҳқиқоти педагогӣ, методология, методҳои муосир ва масъалаҳои мубрами он, таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун воситаи муҳимми рушди таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии педагогӣ мебошад. Таъкид гардидааст, ки мақсади ниҳоии квалиметрия коркард ва такмилдиҳии методикаҳое мебошад, ки тавассути онҳо арзёбии сифати объекти мушаххас ва дараҷаи ҷавобгӯ будани он ба талаботи ҷомеа ё шахс дақиқ карда мешавад. Ҳамзамон, ҷойгоҳи квалиметрияро дар таҳқиқоти илмҳои педагогикӣ ва заминаҳои таърихии ташаккул ва рушди пажӯҳишҳо дар ин самтро ба таври муфассал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, муаллифи диссетатсия ба хулосае расидааст, ки квалиметрия метавонад дар арзёбии таҳқиқоти педагогии анҷомдодашуда мушкилоту норасоиҳоро пайдо намуда, барои дурнамои рушди навъҳои гуногун таҳқиқот дар ин соҳа нақши назаррасро ба анҷом расонад. Вобаста ба ин намунаҳои таҳлили квалиметрии навъҳои гуногуни таҳқиқот, аз ҷумла таҳқиқоти диссертатсионӣ - «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД) коркард шуда, истифода аз онҳо барои таҳлили квалиметрии фаъолияти ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, натиҷаҳои илмии ин ниҳодҳо ва муҳаққиқони соҳаи педагогика ва муйянсозии дурнамои рушди илмҳои педагогӣ мусоидат менамояд.

Дар боби дуюми диссертатсия – «Квалиметрияи таҳқиқоти педагогии ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон» муаллиф таърихи ташаккул ва рушди низоми таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон ва таҳлили квалиметрии он, таҳлили квалиметрии фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва зерсохтори он дар самти таҳқиқи проблемаҳои умумипедагогӣ ва дидактикӣ,

инчунин, квалиметрияи таҳқиқоти мавзуии масъалаҳои муосири педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ менамояд, ки илм ҳамчун инъикоси назариявии воқеият дар кишвари мо тавассути муҳаққиқони алоҳида, гурӯҳи муҳаққиқон, ки дар асоси мақсаду ҳадафҳои якхелаи илмӣ муттаҳид гаштаанд, инчунин, аз ҷониби ниҳодҳои гуногуни илмӣ-таҳқиқотӣ, ки онҳоро давлат ва мақомоти он таъсис доданд, рушду такомул меёбад. Барои рушди илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистон ибтидо аз даврони шуравӣ то имрӯз маҳз ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии давлатӣ нақши бузургро ба иҷро расонидаанд, ки миёни онҳо Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, зерсохтори он - Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва пешгомҳои онҳо, яъне сохторҳои дар гузашта ба ҷои онҳо фаъолиятнамударо махсус қайд кардан зарур аст.

Ба ҳайси таҳқиқоти мавзуӣ ва самтҳои асосии баррасиҳои илмӣ дар соҳаи педагогика бошад, ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муҳаққиқони алоҳида, қабл аз ҳама, ба таҳсилоти фарогир, педагогикаи ибтикорот, педагогикаи фарҳанг, педагогикаи умумӣ ва касбӣ, педагогикаи муқоисавӣ, фарҳанги таълими ҳамагонӣ, инунин аҳаммияти истифодаи мероси педагогии ниёгон дар раванди таълиму тарбия таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд.

Тамоми фаъолияти илмӣ-таҳқиқотиро аз ҷониби ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ин мавзуъҳо мавриди таҳлили квалиметрӣ қарор дода, то вазъ ва мушкилоти мавҷуда маълум ва дурнамои рушди таҳқиқоти педагогӣ мушаххас карда шавад.

Дар педагогикаи муосир яке аз проблемаҳои асосии методологӣ ин баланд бардоштани сифати таҳқиқоти илмӣ ва ба роҳ мондани арзёбии воқеии натиҷаҳои он ба шумор меравад. Аз ин рӯ, барои расидан ба ин мақсад дар боби 3-юми диссертатсия «Квалиметрияи таҳқиқоти педагогии диссертасионии дар даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва зербобҳои он таҳлили квалиметрии фаъолияти шуроҳои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Шурои диссертатсионии ватании назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон сурат гирифтааст.

Муалифи диссертатсия таъкид менамояд, ки натиҷагирии воқеиии вазъият ва инкишофи захираҳои неруи илмии низоми муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ё субъекти алоҳидаи он, аз ҷумла, шуроҳои диссертатсионии назди онҳо низ бояд дар заминаи истифода аз усулҳои муосири квалиметрӣ роҳандозӣ гардад. Ин боиси мушаххас намудани ҷанбаҳои сифатию шуморавии на танҳо фаъолияти шурои ҷудогонаи диссертатсионӣ, балки таҳқиқоти алоҳида ва муҳаққиқи он мегардад. Аз ҷониби дигар, омӯзиши равандҳои объективие, ки дар соҳаи маориф ва илмҳои педагогӣ ба вуқуъ меоянд, барои аз байн бурдани як қатор мушкилоти дорои характери методологӣ, муҳимтар аз ҳама, коркарди дастгоҳи квалиметрии иттилооти гуногунҷанба оид ба натиҷаи таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ва воситаҳои ин навъи фаъолият, ошкор намудани тамоюлоти рушди захираҳои неруи илмии низоми илмҳои педагогӣ ва маориф мегардад.

Ҳадафи таҳқиқоти квалиметрӣ, ки зимни таҳлили фаъолияти шуроҳои диссертатсионии назди муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотии педагогӣ анҷом дода шудааст, ин инъикоси объективонаи вазъи инкишофи самти илмӣ, арзёбии муҳиммияти он, имкониятҳои эҳтимолӣ, қонунҳои ташаккули манбаъҳои иттилоотӣ ва паҳннамоии ғояҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ мебошад.

Тасвири манзараи илмии олами таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми томи тасаввуротро дар бораи хосиятҳо ва қонуниятҳои куллии воқеияти педагогӣ фаро мегирад, бе тасаввурот дар бораиояндаи он наметавонад, ки мукаммал бошад. Аз ин рӯ, дар натиҷаи ҷамъбасту синтези ақидаҳои гуногун ва бо такя ба принсипҳои бунёдии илм муайян сохтани дурнамои рушди таҳқиқоти педагогӣ аз масъалаҳои хеле мубрам ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад, дар боби чоруми диссертатсия «Дурнамои рушди таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол» диссертант кӯшиш кардааст, ки ташаккули низоми миллии тарбияи кадрҳои илмиро ҳамчун марҳилаи сифатан нави рушди илмҳои педагогӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалиро ҳамчун омили рушди таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол аз таҳлилу баррасии квалиметрӣ гузаронида, самтҳои афзалиятноки рушди таҳқиқоти педагогиро дар кишвар дақиқ созад.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар кишвар як қатор омилҳое ба назар мерасиданд, ки барои расидан ба истиқлолияти комили илмию фарҳангӣ монеа эҷод менамуданд. Масалан, соли 2013 аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия аз шумораи умумии 50 Шурои амалкунанда оид ба дифои рисолаҳои илми номзадӣ ва докторӣ якбора фаъолияти 38 Шуроҳои диссертатсионӣ боздошта шуд, ки дар натиҷа муҳаққиқони кишварамон аз имконияти ҳимояи рисолаҳои илмии хеш маҳрум гардиданд.

Имрӯз ҳадафи рушди илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъмини соҳибистиқлолӣ ва рақобатпазирии мамлакат тавассути бунёди низоми самарабахши вусъатёбанда ва истифодаи нисбатан мукаммали неруи зеҳнии миллат мебошад. Дар ин росто, тадбирҳои бағоят куллӣ барои рушди илму маорифи кишвар андешида шуданд, ки муҳимтаринашон инҳоянд: 1) ислоҳоти соҳаи илму маориф ва гузариш ба низоми бисёрзинагии таҳсилот; 2) ислоҳоти низоми тарбияи кадрҳои илмӣ ва таъсиси Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон». Ин ҳар ду тадбир қадамҳои устувор дар роҳи ташаккули низоми миллии тарбияи кадрҳои илмӣ ва оғози марҳилаи сифатан нави рушди илм дар кишвари соҳибистиқлоламон буданд.

Дар натиҷа оғози фаъолияти Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои олимону муҳаққиқони тоҷик ширкати бевоситаву мустақими онҳоро дар баробари соҳиб шудан ба арзишгузориҳои миллӣ дар кишвари худ ва дарёфти дараҷаҳои илмӣ дар доираи меъёрҳои милливу байналмилалӣ имкони иштирок дар тарғиби натиҷаҳои таҳқиқоти рисолавӣ, ба мақсади истифодаи васеи онҳо барои ҳалли

масъалаҳои мубрами иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ширкати фаъолона дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмию педагогӣ ва ҳамчунин имкони ширкат дар баррасию баҳодиҳӣ ва экспертизаи лоиҳаҳо ва барномаҳои илмӣ ва илмию техникиро ба даст овარданд.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия, дар шароити имрӯз серҳаракатӣ ва чандирии низоми ҳамкориҳои байналмилалии марказҳо ва муассисаҳои илмӣ, ҳамчунин фаъолияти Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шаклҳои рушди мунтазам ва дар лаҳзаҳои зарурӣ тағйирёбанда зоҳир мегардад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаи тақризшаванда**

Муаллиф нуктаҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионии хешро дар 6 монография ва 41 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расонидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар диссертатсия инъикос ёфтаанд, бо иштироки бевоситаи муаллиф ба даст омадаанд, албатта дар оянда ҳамчун дастури илмӣ-методӣ барои омузиш ва таҳқиқи илмҳои педагогӣ дар ҷумҳурӣ аз назари квалиметрия мусоидат хоҳад кард.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА**

Диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, кори илмии квалификатсионии ба анҷомрасида маҳсуб меёбад.

Аз таҳлили муҳтвои диссертатсия бармеояд, ки муаллиф мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда, сатҳи омӯзиши мавзуи мавриди таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, асосҳои эмпирикии он, навгонии илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, маълумот дар бораи аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, соҳаи таҳқиқот, тасвиби натиҷаи корро дар сатҳи баланди илмӣ асоснок намудааст. Бо бовари метавон гуфт, ки дисертатсияи мазкур ҳамчун як асари арзишманд дар рушди илмӣ педагогикаи миллӣ мусоидат мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати диссертатсия, ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия» (қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон аз 31 марти соли 2022, №3) мутобиқат мекунад.

**Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ камбудиву норасоиҳо ҷузъӣ ҳам мушоҳида мегардад:**

1.Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқи боби 1-и зербанди 2 «Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун воситаи муҳимми рушди таҳқиқоти бунёди ва

амалии педагогӣ» бештар ба асару мақолаҳои муҳаққиқони рус такя намуда, ба осори педагогии олимони ватанӣ камтар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

2. Масъалаҳои муосири педагогӣ хеле зиёд ва гуногунҷанба буда, дар боби 2-и зербоби 3 «Таҳлили квалиметрии таҳқиқоти масъалаҳои муосири педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавзуъҳо ва самтҳои таҳсилоти фарогир, педагогикаи ибтикорот, мероси педагогии ниёгон, педагогикаи фарҳанг, педагогикаи умумӣ ва касбӣ, педагогикаи муқоисавӣ, педагогикаи ҳамгиро, истилоҳоти педагогӣ бештар таҳқиқ ва ёдовар шуданд. Миёни мавзуъҳо ва самтҳои дар боло зикршуда таҳсилоти фарогир ва истилоҳоти педагогӣ мақоми аввалиндараҷаро соҳиб аст. Лекин ба соҳаи муносибати босалоҳият ба таълим таҳқиқ анҷом дода нашудааст.

3.Муаллиф дар саҳифаи 90-95 диссертатсия дар замиинаи «Дастурамали баҳогузории маҷмуӣ ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кафедраҳо ва ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.06. 2016, №9/41) рейтинги илмии кафедра ва муассисаи илмӣ-таҳқиқотиро ҷадвалҳои №4, 5 арзёбӣ карда, тавсиаҳои судманд низ пешниҳод намудааст. Ба андешаи мо оид ба фаъолияити кафедраҳои тахассусӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳқиқоти алоҳидае бахшида мешуд.

Дар маҷмуъ, эродҳои қайдшуда арзиши илмии тақиқотро кам накарда, ба натиҷаи асосии назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсир намерасонанд. Диссертатсияи тақризшаванда кори мустақилонаи илмӣ-классификатсионӣ буда, аз ҷониби муаллиф дар сатҳи баланди илмӣ иҷро карда шудааст. Натиҷаҳои нави илмие, ки дисертант ба даст овардааст барои ҳалли вазифаҳои муҳим таҳқиқотҳои илмӣ - педагогӣ ва амалии педагогикаи ватанӣ созгор аст.

**Хулосаи ҷамъбастӣ.**

Ҳамин тавр, диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» яке аз падидаи нав, самти мубрами илмӣ-таҳқиқотии дар педагогикаи муосири ватанӣ маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба забони равони давлатӣ - илмӣ навишта шуда, аз ҷиҳати муҳтаво, мақсаду вазифа аҳаммияти илмию амалӣ, хулосаву тавсияҳои арзишманд илмӣ асоснок мебошад. Автореферат мазмуну мундариҷаи диссертатсияро ба таври кофӣ фаро мегирад. Монографияҳо ва мақолаҳои илмии интишоршудаи диссертант низ муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Хулоса, диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи “Низомномаи Шурои диссертатсионӣ”, “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст ва «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия» (қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31

марти соли 2022, №3), ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи забони олмонии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Сайфуллаев Х.Г.

Имзои Х.Г. Сайфуллоев-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

25.05.2023 с.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС